## 5.2.9.[08.00.09] МЕТОДҲОИ МАТЕМАТИКӢ ВА АФЗОРӢ (ИНСТРУМЕНТАЛӢ) ДАР ИҚТИСОДИЁТ
## 5.2.9.[08.00.09] МАТЕМАТИЧЕСКИЕ И ИНСТРУМЕНТАЛ ЬНЫЕ МЕТОДЫ В ЭКОНОМИКЕ
## 5.2.9.[08.00.09]MATHIMATICAL AND INSTRUMENTAL METHODS IN ECONOMICS

*ТДУ 7А6.1 (575)*

### *РУШД ВА ТАҶРИБАИ ТАТБИҚИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ*

***Қодиров Абдураҳмон Лакимович,*** *д.и.и., профессори кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг;* ***Саидов Мирсаид,*** *д.и.и., профессори кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг;* ***Қодиров Ҳакимҷон Абдурахмонович,*** *докторант (PhD) МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров»(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

### *РАЗВИТИЕ И ОПЫТ ВНЕДРЕНИЯ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА*

***Кадыров Абдурахмон Лакимович,*** *д.э.н., профессор кафедры управления экономикой и маркетингом;* ***Саидов Мирсаид,*** *д.э.н., профессор кафедры управления экономикой и маркетингом;* ***Кадыров Хакимджон Абдурахманович,*** *докторант Государственного образовательного учреждения «ХГУ имени акад. Б.Гафурова»(Таджикистан, Худжанд)*

### *DEVELOPMENT AND EXPERIENCE OF E-GOVERNMENT IMPLEMENTATION*

***Kadyrov Abdurakhmon Lakimovich,*** *Dr. of Economics, Professor of the Department of Economics and Marketing Department, SEI «KhSU named after acad. B.Gafurov».* ***Saidov Mirsaid,*** *Dr, of Economics, Professor of the Department of Economics and Marketing Management, SEI «KhSU named after acad. B.Gafurov»* ***Kadyrov Hakimjon Abdurakhmanovich,*** *Doctoral Student of the Department of Economics and Marketing Management, SEI «KhSU named after acad. B.Gafurov»*

***Калидвожаҳо:*** *хизматрасониҳои давлатӣ, ҳукумати электронӣ, рейтинги рушди ҳукумати электронӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, афзалиятҳои ҳукумати электронӣ.*

*Дар мақола таъриф ва таҷрибаи ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Нуктаҳои асосии назариявии марбут ба ҳукумати электронӣ, бартариҳои истифодаи ҳукумати электронӣ ва маҷмуи нишондиҳандаҳое, ки индекси рушди ҳукумати электронии кишварҳои ҷаҳонро тавсиф мекунанд баррасӣ шудааст. Ҳамчунин дар ин пажуҳиш мушкилоти ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ ва самти рушди он тасвир шудааст.*

***Ключевые слова:*** *государственные услуги, электронное правительство, рейтинг развития электронного правительства, информационные и коммуникационные технологии, приоритеты электронного правительства.*

*В статье приведены определение и опыт внедрения электронного правительства. Рассмотрены основные теоретические моменты, касающиеся электронного правительства, преимущества использования электронного правительства и комплекс показателей, характеризующих индекс развития электронного правительства в странах мира. Описаны сложности внедрения электронного правительства и направления его развития.*

***Keywords:*** *public services, e-government, e-government development rating, information and communication technologies, e-government priorities.*

*The article provides the definition and experience of the introduction of electronic government (EG). The main theoretical points concerning e-government, the advantages of using e-government and a set of indicators characterizing the development index of e-government in the countries of the world are considered. The difficulties of implementing e-government and the directions of its development are described.*

Ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон ворид гардидани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо суръати баланд идома дорад. Ба муттаҳидсозӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти муштараки одамон дар ҷомеаи муосир идоракунии давлатӣ нигаронида шудааст, ки он хусусияти ташкилкунанда дошта, бо равандҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои байни субъектҳо алоқаманд мебошад. Дар соҳаи идоракунии давлатӣ, барои ҳамкории самарабахш ҷомеа ва давлат, навоварӣ лозим аст. Дар навбати аввал, ин ҷорӣ намудани технологияҳои навтарини иттилоотӣ ва идоракунӣ мебошад. Давлате, ки барои боқӣ мондан чун субъекти бонуфузи сиёсати ҷаҳонӣ талош дорад, ба худ ва шаҳрвандонаш наметавонад зарар нарасонад ва наметавонад аз тамоюлҳои муҳимми ташаккули ҷомеаи муосир худдорӣ намояд. Истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, интернет омили асосии рушди ҷомеа имрӯза мебошад.

Дар давоми даҳ соли охир ҳукумати электронӣ аҳаммияти хосса пайдо кард. Ҳадаф аз ин васеъ татбиқ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва самарабахш истифода бурдани ҲЭ мебошад. Мушоҳида нишон медиҳад, ки рушди ҳукумати электронӣ аз равияи сиёсии кишварҳо вобастагӣ надорад. Имрӯз чи сохторҳои давлатии демократидошта ва ё дигар дар кӯшиши ҷорӣ намудани хизматрасонии давлатии электронӣ, фосилавӣ дар асоси технологияҳои коммуникатсионӣ мебошанд. Натиҷаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) ташаккули ҳукумати электронӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Дар навбати аввал мебоист мафҳуми ҲЭ-ро муайян намуд. Бояд гуфт, ки суръати ҷорӣ намудани ҳаҷми хидмати электронӣ ҳар чи бештар афзоиш дорад. Дар ҷомеаи имрӯза водиди ҳукумати электронӣ ногузир аст ва ҳарчи зудтар ҷорӣ намудани он самарабахш мебошад. Ҳукумати электронӣ маҷмуи воситаҳои иттилоотиест, ки бо истифодабарӣ аз он мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва дигар сохторҳо метавонанд ба таври рақамӣ бо ҳамдигар ҳамкорӣ кунанд. Ин равия мақомоти судӣ, парлумонӣ ва монанди инҳоро дар бар мегирад, на танҳо мақомоти иҷроияро, яъне адолати судии электронӣ, парламенти электронӣ ва ғайра низ метавонанд шоми бошанд.

Яъне мафҳуми «ҳукумати электронӣ» мушаххастар аст. Истилоҳи «ҳукумати электронӣ» вақтҳои охир бештар маъмул гаштааст. Он дар охири солҳои 80 асри XX дар Канада ва ШМА пайдо шуд. Ин усулест, ки ба мо имкон медиҳад маҷмуи ташаккулёфтаи хизматрасониҳои давлатӣ ва иттилоотро ба шаҳрвандон, кормандони мақомоти иҷроия, ё дигар сохторҳои давлатию ғайридавлатӣ ба таври куллан нав пешкаш намоем. Дар рафти чунин пешкашнамоӣ ҳамкории шахсии давлатӣ ва мурочиаткунанда то ҳадди ақал кам гардад, дар вақти харчи камтар, каммасраф дастрас шавад. Эҷоди намудҳои нави ҳамкории сохторҳои мақомоти икроияи давлатӣ бо шаҳрвардон ва дигар истифодабарандагон мақсади асосии ҷорӣ намудани ҲЭ дигар вазифаи оптималӣ гардонидани хизматрасонии давлатӣ ба ҳама қишрҳои аҳолӣ мебошанд.

Ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ афзоиши фоизи иштироки интихобкунандагонро дар идоракунии кишвар зиёд намуда, равандҳои роҳбариро низ беҳтар менамояд. Боиси баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон мегардад. Имкониятҳои худхизматрасонии васеъро ба шаҳрвандон таъмин менамояд. Роҳи самараноки ҳамкорӣ, таъмини сифати баланди хизматрасониҳои давлатӣ, истифодабарии технологияҳои коммуникатсиониву иттилоотӣ ва ин ворид намудани ҳукумати электронӣ мебошад.

Имрӯзҳо якчанд консепсияҳои ҲЭ коркард шудааст. Ин акси маҷмуи талаботҳои интизории шаҳрвандон ва соҳибкорон аз мақомотҳои иҷроия мебошад. Бояд ба назар гирифт, ки ҳукумати анъанавиро дар ягон ҳолат ҲЭ иваз намекунад.

Дарёфти роҳи воситаи оптималии дастрасӣ ба ин намуди хизматрасонӣ кӯшиш ба кам намудани харҷ (транзаксия), осон гардонидани ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроия истифодабарандагонро муттаҳид менамояд [5]. Таъсиси ҳукумати электронӣ камхарҷии иидоракунӣ ва самаранокии онро таъмин менамояд. Муносибати сифатан нави ҷомеа ва ҳукуматро бунёд намуда, чун асоси давлати рақамӣ баромад менамояд.

Соли 2018 вазирони кишварҳои G20 тавсияҳо оид ба амалигардонии ҲЭ омода намуданд. Пеш аз ҳама, ин ба ворид намудани соҳаи иқтисодӣ ва ичтимоӣ номгӯи хизматрасонии давлатӣ равона гаштааст. Ҷорӣ намудани технологияҳои нав чун асоси рушди хизматрасонии давлатӣ арзёбӣ шудааст.

Бо ақидаи мутахассисон ҲЭ-и аврупоӣ афзалият дорад. Ин дар навбати аввал навоварӣ дар вазифаҳои маъмурӣ, ба монанди имзои рақамӣ, шиносномаи рақамӣ ва ба монанди инҳо

мебошад. Навоварии дигар, ин пурзур гардидани густариши ҳамкории рақамӣ байни тоҷирон, шаҳрвандон ва мақомотҳои иҷроия. Афзалияти сеюм иборат аз зиёд гардидани ҳаракати тиҷорат ва шаҳрвардон дар амалиётҳои байнисарҳадӣ мебошад.

Харҷи амалиёти рақамӣ, чи хеле, ки аз ҳисоботи давлатҳо бармеояд, нисбати харҷи ба рӯ ба рӯ панҷоҳ маротиба арзон аст. Чунин таносуб нисбат ба алоқа тавосути почта сӣ маротиба ва нисбат ба алоқаи телефонӣ бист маротиба арзон мебошад. Манфиатнокии ҳукуматҳои электронӣ, зарурияти ҷорӣ намудани технологии муосирро ин далелҳо возеҳ нишон медиҳанд.

Имрӯзҳо миқдори давлатҳое, ки ба рақамикунонии хизматрасонии давлатӣ шомил гаштаанд, афзоиш дорад. Дар оғози асри ҷорӣ танҳо 84 давлат сомонаи худро тартиб дод ва 17 давлат муоширати элетрониро бо сохторҳои давлатӣ ташкил кард. Аммо ин ҳолат дар бист соли охир куллан тағйир ёфт. Ҳама давлатҳои аъзои СММ ба ин қатор ворид гаштаанд ва чил давлат аз рӯи нишондиҳандаҳои рушди ҲЭ чун дараҷаи баланд арзёбӣ шудааст. Албатта, барои чунин арзёбӣ сифати хидматрасоии рақамӣ, ҳаҷми сармояи инсонии вуҷуддошта ва сатҳи рушди инфрасохтори рақамӣ дар минтақа ба инобат гирифта мешавад [4].

Барои дастрасии шаҳрванд ба хидмати давлатӣ дар Эстония доштани акаунти ягона кифоя мебошад. Ҳукумати электронии ин кишвар зиёда аз 50000 иттилоотро доир ба муассисаҳои бахши давлатӣ ва ширкатҳои системаӣ мутаҳид намудааст. Чун шиносномаи шаҳрванд, маълумот доир ба ӯ дар платформаи ягона захира карда шудааст (шиносномаи инфиродӣ). Муҳим аст, ки ин малумот ба идораҳои маҳаллӣ, дигар сохторҳо, аз ҷумла ба идораи андоз намоён ва дастрас мебошад [5]. Чунин кортҳоро ҳамаи шаҳрвандони ин кишвар доранд.

Амнияти системаро технологияи блокченҷ, «Инфрасохтори имзои бедуни калид» кафолат медиҳад. Тибқи иттилооти вебсайти ҳукумат, чунин ташкили хидматрасонии давлатӣ ба сарфа намудани то ду фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар расонида аст. Давлатҳои ҳамсоя, бо истифодабарии таҷрибаи Эстония, чунин ташкили хидматрасонии давлатиро дастрас намудаанд.

Таҷрибаи Сингапур дар рақамикунонии гардиши иттилоотии сохторҳои давлатӣ пешрафта ба шумор меравад.Чунин корбарӣ аз солҳои ҳаштодуми асри гузашта оғоз ёфта, то имрӯз корҳои зиёд анҷом дода шуданд. Ба шаҳрвардон тамоми хидматрасонии давлатӣ тавоссути шабакаи интернет дастрас мебошанд.Чунин дастрасиро ба шаҳрвардон система дар асоси муайян намудани шахсият дар асосӣ шиносномаи электронӣ таъмин менамояд. Дар зерсохтори махсус маълумоти шаҳрвардон нигоҳ дошта мешаванд. Барои пешкаш намудани хидматҳои худ идораҳои соҳавӣ низ ба ин система такя мекунанд.

Коркарди ҲЭ дар Федератсияи Русия (ФР) аз оғози аср сурат гирифтааст. Ин ҳам дар вобастагӣ аз қабул шудани Оинномаи Ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ мебошад. Дар Оиннома рушди рақамикунонии иттилоот дар ҷомеа чун роҳи рушди иқтисодиёт ва накуаҳволии аҳолӣ арзёбӣ шудааст. Бунёди ҳукумати электронӣ дар ФР пурра аз буҷаи давлат маблағгузорӣ шудааст. Ду барномаи давлатии қабулшуда доир ба хидматрасонии электронӣ, Росияи электронӣ ва Ҷомеаи иттилоотӣ саривақтӣ буда, дар бунёди ҳукумати электронӣ нақши муаянкунонда дошт.

СММ чун ченаки рақамикунонӣ рейтинги рушди ҳукумати электрониро истифода мебарад ва бузургии онро барои ҳамаи давлатҳои аъзои СММ, бо ҷалби мутахассисон муайян менамояд. Рейтинг баҳогузории воқеӣ буда, ҳолати рақамикунониро акс менамояд. Муайян намудани рейтинг бо дар бар гирифтани якчанд нишондиҳандаҳо дастрас мегардад. Дар навбати аввал, ин миқдори хатҳои телефонӣ ба 100 нафар шаҳрванд рост меояд. Дигар нишондиҳанда ин миқдори истифодабарандагони шабакаи интернет ва мизоҷони телефони мобилӣ дар таносуби болоӣ мебошад. Миқдорҳои мизоҷони бо хатти алоқаи ғунҷоиши васеъ ва тавосути онлайн-модем ба шабакаи интернет пайваст шуда, ки ба 100 нафар аҳолӣ рост меоянд, низ ба инобат гирифта мешавад.

Рушди сармояи инсонӣ аз рӯи чаҳор нишондиҳанда муайян карда мешавад: саводнокии насли калонсол; таносуби умумии фарогирӣ аз рӯи сатҳҳои таҳсилот (сатҳи якум, дуюм ва сеюм); давомнокии интизории таҳсил; давомнокии миёнаи таҳсил. Дар соли 2016, Индекси расонидани хизмати электрониро Созмони Милали Муттаҳид бо ҷалби 111 нафар, аз ҷумла коршиносон ва ёрирасонҳои ихтиёрии беш аз 60 кишвари ҷаҳон, барандагони 66 забон тартиб дода буд.

Сомонаи сохторҳои соҳавии тандурустӣ, маориф, муносибатҳои меҳнатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, бахши молия ва ҳифзи муҳити зист ва хадамоти рақамигардониро тадқиқотчиён низ арзёбӣ намуданд. Сомонаҳо бо забони модариаш, забони миллӣ тартиб дода шудааст.

Дар рейтинги рушди ҳукумати электронии СММ аз 193 кишвари ҷаҳон се хати аввалро Дания, Финландия ва Кореяи Ҷанубӣ (0,9529) тақсим кардаанд. Штатҳои Муттаҳидаи Амрико дар хати 10 ҷойгир шудааст. Русия ва Чинҳо хатҳои 42 ва 43 тақсим менамоянд. Натиҷаи беҳтаринро миёни кишварҳои ИДМ Қазоқистон нишон дод, ки аз рӯи рейтинг дар зинаи 29-ум қарор дошт.

Дар Тоҷикистон зиёда аз 10 сол боз коркарди ҳукумати электронӣ ҷой дорад. Аммо бо вуҷуди афзоиши шумори корбарони интернет, ҳукумати электронӣ ба як ҷузъи ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрвандон табдил наёфтааст. Татбиқи консепсияи ҳукумати электронӣ ақиб мондааст. Вебсайтҳои мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ қисман кор намекунанд ё ғайрифаъол мемонанд ва бештар вазифаи иттилоотиро иҷро мекунанд.

Татбиқи бомуваффақияти ҳукумати электронӣ аз нархи трафики Интернет, суръати он вобастагии калон дорад. Бояд нархи он ба аксари аҳоли дастраст буда, сураъти он ҷавобгӯи сифати хизматрасонӣ бошад. Барои ноил шудан ба ҳукумати электронии ҷавобгӯи талабот, ҳамоҳангсозии самараноки кӯшишҳо, сохтори ташкилию идоракунӣ Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 таъсис дода шуд ва ин бояд такони ҷиддӣ дар рушди ҳукумати электронӣ дар ҷумҳурӣ гардад.

Дар Тоҷикистон, дар муқоиса рушди ҳукумати электронӣ суръати паст дорад. Таҳлил сабабҳои асосии онро муайян намуд. Дар навбати аввал, имкониятҳои ҳукумати электронӣ арзёбии паст дорад. Дигар, вуҷуд надоштани роҳбари ягонаи ин лоиҳа мебошад, ҳар кас ҷавобгариро ба уҳда гирад, барои саривақт иҷро намудани стратегии давлатӣ масъул бошад. Бояд иҷрои ҳар марҳила арзёбӣ гардад. Саводнокии нокифояи компютерии кормандони идораҳои сатҳои гуногун низ таъсири манфии худро мерасонанд. Бесалоҳиятии шахсони мансабдор дар таъмини самаранокии ҲЭ, иҷрои саривақтаи кор низ чашмрас мебошад. Меъёрҳои таҳияшудаи ҳукумати электронӣ нопурра мебошад, низоми истифодаи имзои электронӣ бояд коркард шавад. Хидматрасониҳои иттилоотию коммуникатсионӣ арзиши баланд дарад ва ин натиҷаи нисбатан сусти инкишофи инфрасохто ба шумор меравад.

Барои дар ҳаёти ҷомеа пурра ҷорӣ кардани ҳукумати электронӣ дар кишвар: то миқёси зарурии татбиқи ҳукумати электронӣ маблағгузорӣ дар ин соҳа зиёд карда шавад; ҳарчи бештар татбиқ намудани имзои электронӣ зарур мебошад; интернет ва алоқаи мобилӣ арзонтар ва нисбатан васеъ дастрастар гардонида шавад, ки дар навбати худ дастрасӣ ба маълумоти инфрасохтори компютериро зиёд мекунад. Барои танзими фаъолияти ҳукумати электронӣ ва рушди он дар оянда заминаи меъёрӣ ва ҳуқуқӣ коркард карда шавад.

Аз тарафи мақомоти давлатӣ ҷорӣ намудани системаҳои иттилоотии барои ҳама мардум дастрас саривақта буда, инкишофи минбадаи онро тамин менамояд. Дар натиҷа сарфа шудани маблағҳои бюджет васеъ пешкаш карда шавад. Ин нишондиҳандаи на танҳо натиҷаи ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ, балки аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок будани лоиҳаро нишон медиҳад. Албатта, ҲЭ натанҳо вуҷуд дошта бошад, балки ҳарвақта дар рушт бошад. Тавассути таҳияи меъёрҳо ва низоми ягона тафовут дар сатҳи рушди инфрасохторҳои минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ коҳиш дода шавад. Зеро барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии ҳукумати электронӣ дар кишвар ҳамаи имкониятҳо ҳаст. Ба харҷ додани кӯшиши зиёд танзими истифодаи ҳукумати электрониро ҳатман таъмин менамояд. Таъмини баробарии расонидани иттилоот барои шаҳрвандон дастрас мегардад.

Зоҳиршавии афзалиятҳои ҲЭ чашмрас аст. Факторҳои субъективӣ ба монанди расмиятҳои бюрократӣ аз байн бурда мешаванд. Омода намудани ҳуҷҷатҳо суръати баланд дорад. Баҳисобгирии ягонаи электронӣ ҷорӣ мегардад. Андози шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ санҷидашаванда буда, ҳисоботдиҳии қатъии онҳо таъмин мегардад. Ба афзоиши ҳаҷми интиқоли буҷет, коҳиши миқёси коррупсия ва бешубҳа ба афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба институтҳои хокимият мусоидат мекунад.

Ҳалли вазифаҳои зерин дар ҷумҳурӣ барои рушди минбаъдаи ҳукумати электронӣ саривақта мебошад:

- Гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ дар зинаҳои марказ, минтақа ва мақомотҳои маҳаллӣ, дохилӣ мақомотҳои иҷроия бояд такмил дода шаванд;

- Барои дарк намудани истифодабарандагон, ки бо ҳуҷҷатҳои онҳо чӣ мешавад, стандартҳои миллии дастрасӣ ба ҲЭ коркард карда шавад;
- Ягонагардонии сохти сомонаҳои давлатӣ дар шабакаи интернет, бо мақсади ҳар чӣ сабуктар дарк намудани иттилоотҳои пешкашшуда аз тарафи шаҳрвандон.
- Омӯзонидани мунтазами хизматчиёни давлатӣ дар мувофиқа бо муҳлати аттестатсияи онҳо гузаронида шавад;

**АДАБИЁТ:**

1.Абдуджабборов, М. Электронное правительство в Таджикистане: миф или реальность. cabar.asia›Ru
2.Аношина, С. Электронное правительство в России: реализация и перспективы развития / / экономика Нового Света. 2020. Т. 5, № 1-2 (17). - да. 62–69.
3. Архирейская Т.Ю.Электронное правительство в Российской Федерации: эволюция развития// Т.Ю.Архирейская, Т.Ю.Торопчина/Тр. Оренбург. Институт (филиал) Московской государственной юридической академии. 2020. № 4. - да. 5–9.
4. Дармилов, А.Ф. Электронное правительство и цифровое государство //А.Ф.Дармилов/ Вести научных достижений. Экономика и право. – 2020. - №3. – С. 82-85. DOI: 10.36616/2686-9837-2020-3-82-85 URL: https//www.vestind.ru/journals/economicsandlaw/releases/2020/articles?pdfView&page=24
5. Джордано Д.Электронное правительство и цифровое государство/ Д.Джордано,М.Б. Понявина// Вести научных достижений. Бухгалтерский учет, анализ и аудит. Выпуск № 2, 2020 г. https://vestind.ru
6. Емельянов А.С., Ефремов А.А., Калмыкова А.В. и др. Цифровая трансформация и государственное управление: научно-практическое пособие. - «Инфотропик Медиа», 2022 г. http://ivo.garant.ru
7.Кадыров, А.Л. Цифровой университет/А.Л.Кадыров//Ученые записки. Серия естественных и экономических наук ГОУ «Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова». № 4 (43), 2022. ISSN 2077-4974.
8. Мукимова, Н.Р.Ҳукумати электронӣ ҳамчун омили рушди ҷомеаи иттилоотӣ //Н.Р.Мукимов, Н.Х.Бердиева/ Иқтисоди Тоҷикистон. 2020.- № 1.- С. 97–103.
9. Рзаев, Н. К. Электронное правительство в современной России: состояние и перспективы развития /Материалы Всероссийского (с международным участием) научно-методического семинара (Екатеринбург, 17–19 марта 2021 г.). — Екатеринбург : Издательство Уральского университета, 2021. — С. 432-439. — URL: http://elar.urfu.ru/handle/10995/105990. https://elar.urfu.ru
10.Қосимов, Т.С. Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии давлати рақамӣ ва Ҳукумати электронӣ/Т.С.Қосимов // Волоияти қонун: назария ва амалия. 2020.
11.Рейтинг стран мира по Индексу развития электронного правительства / Гуманитарный портал: Электронный ресурс // Центр гуманитарных технологий, (последняя редакция: 14.10.2023). URL: https: //gtmarket.ru/ratings /e-government-development-index.

**REFERENCES:**

1.Abdujabborov M. Electronic government in Tajikistan: myth or reality. cabar.asia›Ru
2.Anoshina.S. Electronic government in Russia: implementation and development prospects / / New World Economy. 2020. Vol. 5, No. 1-2 (17). – P. 62-69.
3. Arkhireyskaya T.Yu., Toropchina T.Yu. Electronic government in the Russian Federation: evolution of development / / Tr. Orenburg. Institute (branch) of the Moscow State Law Academy. 2020. No. 4. – P. 5-9.
4. Darmilov A.F. Electronic government and digital state // News of scientific achievements. Economics and law. - 2020. - No. 3. - P. 82-85. DOI: 10.36616/2686-9837-2020-3-82-85 URL: https//www.vestind.ru/journals/economicsandlaw/releases/2020/articles?pdfView&page=24
5. Giordano D., Ponyavina M.B. Electronic government and digital state.// News of scientific achievements. Accounting, analysis and audit. Issue No. 2, 2020 https://vestind.ru
6. Emelianov A.S., Efremov A.A., Kalmykova A.V. et al. Digital transformation and public administration: a scientific and practical manual. - "Infotropic Media", 2022 http://ivo.garant.ru

7. Kadyrov? A.L. Digital University.// Scientific Notes. Series of Natural and Economic Sciences of the State Educational Institution "Khujand State University named after Academician B. Gafurov". No. 4 (43), 2022. ISSN 2077-4974.
8. Mukimova, N.R., Berdieva N.Kh. The development of electronic government in modern Russia // Information Technologies in Tajikistan. 2020. No. 1. P. 97-103.
9. Rzayev N.K. Electronic government in modern Russia: status and development prospects / Proceedings of the All-Russian (with international participation) scientific and methodological seminar (Ekaterinburg, March 17-19, 2021). - Ekaterinburg: Publishing House of the Ural University, 2021. - P. 432-439. — URL: http://elar.urfu.ru/handle/10995/105990. https://elar.urfu.ru
10. Qosimov T.S. Theoretical and legal aspects of the digital state and electronic government // Rule of law: theory and practice. 2020.
11. Ranking of countries of the world according to the E-government Development Index / Humanitarian portal: Electronic resource // Center for Humanitarian Technologies, (last revised: 14.10.2023). URL: https: //gtmarket.ru/ratings /e-government-development-index.